# Тақриз

**ба фишурдаи рисолаи номзадии Ҷураева Хубонгул Ёрмаҳмадовна «Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик.**

Ҳасрати Ҳисорӣ аз ҷумлаи шоирон ва равшанфикрони маъруфи охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX водии Ҳисор мебошад. Ин шоири тавоно ва соҳибистеъдод ҳарчанд умри кӯтоҳе дида бошад ҳам, аз худ мероси арзишмандеро ба ёдгор гузоштааст. Далели ин маҳбубияту маъруфияти шоир дар байни аҳли адаб ва мардуми водии Ҳисор дар тӯли беш аз дусад соли охир мебошад. Аксари муҳаққиқони адабиёти тоҷикии асрҳои XVIII-XIX Ҳасрати Ҳисориро ба ҳайси адиби тавоно ва машҳури замонаш ба қалам доданд. Мутаассифона, то ба имрӯз ба истиснои баъзе маълумоти тазкираҳо ва ишораҳои муҳаққиқон мо оид ба рӯзгору осори Ҳасрати Ҳисорӣ иттилои комилу фарогиреро дар даст надоштем.

Ба анҷом расидани пажуҳиши Хубонгул Ҷураева ин ниёзи адабиётшиносии муосири тоҷикро бароварда гардонид. Тавассути ин таҳқиқоти комилу фарогир мо натанҳо дар бораи аҳволу осори Ҳасрати Ҳисорӣ, балки дар бораи муҳити адабии Ҳисори охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX маълумоти кофӣ ба даст овардем. Дар рисола муҳити сиёсию фарҳангии Ҳисор дар давраи зиндагии Ҳасрат, шоирону қаробати дӯстию эҷодӣ доштан маълумот дода мешавад.

Дар боби аввали рисолаи худ Хубонгул Ҷураева заминаҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии фаъолияти доираи адабии Ҳисорро таҳқиқ намуда, аз фаъолияти адибону олимони зиёде мисли Муҳаммадризои Хонақоҳӣ, Одинамуҳаммади Қаротоғӣ, Шарифи Ғамгин, Имомиддини Банда, Комили Ҳисорӣ, Ҷазбӣ ва дигарон ёдовар мешавад. Вай таъкид менамояд, ки доираи адабии Ҳисор дар ин давра бо доираҳои адабии Мовароуннаҳр иртиботи мустақим дошт. Худи Ҳасрат ҳарчанд зодаи Ҳисор аст, вале хатмкардаи мадориси Бухоро ва парвардаи муҳити адабии он мебошад. Ҳарчанд фаъолияти босамари адабию эҷодии ӯ дар

Ҳисор чараён гирифтааст. Хубонгул Ҷураева як боби рисолаи худро танҳо ба аҳволу осори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ихтисос додааст, ки он мантиқист. Дар рисола таъкид мешавад, ки шоир хеле умри кӯтоҳ дидааст, вале бо вуҷуди ин аз худ мероси арзишманди адабиро ба ёдгор гузоштааст.

Ҳасрати Ҳисорӣ дар тӯли умри кӯтоҳаш дар аксар анвои маъруфи шеърӣ, хоса дар ғазал, мухаммас, рубоӣ ва маснавӣ қувваозмоӣ намуда, ашъори ҷолиберо ба мерос гузоштааст. Далели дигари ҳунари шоирии Ҳасрат боз дар он зоҳир мешавад, ки ӯ ба ашъори суханварони бузурге мисли Носири Бухороӣ ва Бедили Деҳлавӣ мухаммас навиштааст. Чунонки муаллифи рисолаи мавриди назар ишора мекунад, Ҳасрат ба ашъори Бедил ва мактаби адабии ӯ таваҷҷуҳи махсус доштааст. Чунки дар замони зиндагии шоир шеъри Бедил баландтарин меъёри суханварӣ ва шеърофаринӣ буд.

Дар боби дуюм ва сеюми рисола Хубонгул Ҷураева зимни таҳлилу баррасии ғазалиёти шоир собит менамояд, ки Ҳасрати Ҳисорӣ ба ашъори Бедил пайравии эҷодкорона намуда, як силсила ғазалҳои ҷолиб офаридааст. Ин ашъор дар байни мардуми водии Ҳисор ва ҳавзаҳои дигари адабии Мовароуннаҳ хеле маъруф будааст. Шоир дар замони зиндагиаш девони ашъорашро ба танзим даровардааст, ки он баъди вафоти ӯ бо сабабҳои гуногун аз байн рафтааст. Бо вуҷуди ин, намунаҳои ашъори шоир, ки аз тазкираю баёзҳо ва сарчашмаҳои дигар ба даст омаданд, далели равшани ҳунару истеъдоди комили адибанд. Муаллифи рисолаи мазкур Хубонгул Ҷураева ашъори бозмондаи шоирро гирдоварӣ намуда, қаблан дар шакли китоби алоҳида ба нашр расонид, ки хизмати шоистаи муҳаққиқ дар гирдоварӣ ва нашри мероси адабии Ҳасрати Ҳисорӣ мебошад.

Хубонгул Ҷураева дар рисолааш ба ҳунари шоирии Ҳасрат баҳои сазовор дода, ӯро ҳамчун шоири суннатгаро муаррифӣ менамояд, ки он мантиқист, чунки Ҳасрат таҳсилкардаи мадраса ва парвардаи шеъру

адаби пурғановати форсии тоҷикӣ буд. Вай бо шеъри классикӣ, бо ашъори адибони маъруфи гузашта ошноии комил дошт.

Хубонгул Ҷураева зимни баррасии ашъори шоир ба хулосаи зерин мерасад, ки он пояҳои устувори илмӣ дорад: «Мирзо Олимҷон пешқадами замони худ, дорои маънавиёти олӣ, инсонияти баланд ва мавқеи устувори ғоявӣ буда, пайваста бар алайҳи беадолатиҳои замон садо баланд мекард». Воқеан, шоир дар иҷтимоъи замони худ ҳамчун равшангари воқеӣ маъруфият дошт ва ин фазилаташ ҳам боиси маъруфияти бештари ӯ дар байни мардум гардид.

Дар маҷмӯъ Хубонгул Ҷураева оид ба рӯзгор ва осори Ҳасрати Ҳисорӣ як пажуҳиши комилу ҷомеъро ба анҷом расонидааст, ки он дорои аҳамияти назарӣ ва амалӣ мебошад. Ин рисола ба таври куллӣ метавон як саҳифаи тозае дар илми адабиётшиносии муосири тоҷик маҳсуб кард.

Бо вуҷуди дастовардҳои илмии зикргардида дар рисолаи Хубонгул Ҷураева баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасад:

1.Дар рисола ба омилҳои асосии ташаккули шахсияти адабии Ҳасрати Ҳисорӣ камтар таваҷҷуҳ зоҳир мешавад.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисолаи Хубонгул Ҷураеваро кам намесозад. Рисолаи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология мебошад.

**Номзади илмҳои филологӣ,**
**мудири шуъбаи дастхатҳои**
**Шарқ ва китобҳои нодири**
**Китобхонаи миллии Тоҷикистон** **Додихудоев Раҷабалӣ**

**Суроғаи электронӣ:**
**bestmuslim@mail.ru**
**Тел. 918264456**

**Имзои Р. Додихудоевро тасдиқ мекунам:**
**Мудири шуъбаи кадрҳои Китобхонаи**
**миллии Тоҷикистон** **Каримзода М.**